# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025- 42 саҳ).**

Дар низоми ҳифзи ҳуқуқии моликият, бахусус нисбат ба воситаҳои нақлиёт, нақши муҳими ҳифзкунанда ба моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст. Маҳз тавассути муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, қонунгузор мехоҳад дахлнопазирии моликият ва тартиботи муқарраргардидаи истифодабарии воситаҳои нақлиётро таъмин намояд.

Ин меъёри ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи ҳуқуқи моликият ва таъмини амнияти ҳуқуқии онҳое равона шудааст, ки воситаҳои нақлиётро қонунӣ соҳибӣ ё истифода мебаранд.

Асосии автореферати диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид-ро маҳз таҳлили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 42 саҳифа пешниҳод шудааст. Он аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ равонагардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди босуръати воситаҳои нақлиёт дар ҷомеаи муосир боиси афзоиши ҷиноятҳое гардидаанд, ки ба соҳаи амнияти нақлиёт ва моликияти шаҳрвандон таҳдид мекунанд. Яке аз чунин ҷиноятҳо – ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи

нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Муҳимм будани омӯзиши ин ҷиноят аз он ҷиҳат муайян мегардад, ки дар солҳои охир шумораи ҳолатҳои ғайриқонунии истифодаи воситаҳои нақлиёт, махсусан байни ҷавонон, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Таҳлилҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки қисми зиёди чунин кирдорҳо на бо нияти дуздӣ, балки бо мақсади муваққатан истифода бурдани мошин содир мегарданд. Бо вуҷуди ин, чунин амалҳо ҳам ба ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон зарар мерасонанд ва ҳам хатарҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва нақлиётӣ ба миён меоранд.

Аз ҷиҳати назариявӣ, моддаи мазкур аз ҷумлаи ҷиноятҳои зидди моликият мебошад, ки дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқӣ аст. Зеро, бар хилофи дуздӣ ё ғоратгарӣ, дар ҳай карда бурдани автомобил мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ соҳиб шудан) вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, масъалаи тафовут байни моддаҳои 244 (дуздӣ), 248 (ғоратгарӣ), 252 (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан) ва дигар таркибҳои монанд дар амалияи судӣ ба яке аз масъалаҳои мушкили тафсир табдил ёфтааст. Набудани тавзеҳи дақиқ дар қонунгузорӣ ва фарқиятҳои назариявӣ боис мегарданд, ки дар амалия мумкин аст хатоҳо дар бандубасти ин ҷиноятҳо ба вуҷуд оянд.

Аз ҷиҳати, омӯзиши моддаи 252 КҶ ҶТ аҳамияти калони амалиро дорост. Махсусан дар шароите ки шумораи воситаҳои нақлиёт зиёд шуда, идоракунии онҳо ба як қисми муҳими ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон табдил ёфтааст, таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии онҳо аз ҳай кардан ё истифодаи бе иҷозат аҳамияти хоса пайдо менамояд.

Мавзуи мазкур инчунин бо раванди таҷдиди қонунгузории ҷиноятӣ алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар қонунгузории баъзе кишварҳои пасошӯравӣ (мисли Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон) ин ҷиноят бо шаклҳои гуногун танзим мегардад.

Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои ҳамсоя барои такмил ва дақиқсозии моддаи 252 КҶ ҶТ зарур аст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи мавзуи мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки ҷойгоҳ ва хусусияти ҳуқуқии ин ҷиноят; мушкилоти амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар ин самт муайян карда шавад; таҷрибаи судӣ таҳлил ва таклифҳои илмӣ оид ба беҳтар кардани қонунгузорӣ пешниҳод гарданд.

Ҳамин тавр, мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ муҳим аст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла,

1. Дар саҳ. 4 автореферат танҳо маълумотҳои омории солҳои 2018-2023 дарҷ шудааст, новобаста ба он ки муаллиф ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ барои солҳои 2018-2025 (саҳ.8) ишора намудааст. Агар муаллиф маълумоти солҳои 2024 ва 2025-ро низ ба таҳлил ворид мекард, дарки воқеии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, инчунин тағйироти тамоюлии он дар марҳилаи кунунии сиёсати ҷиноятии ҷумҳурӣ пурратар инъикос меёфт.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиханда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ
дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе. Қодирзода Д.С.

«Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам»
Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсуси
Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе Қутбиддинзода М.Қ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 735035, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 71, Тел.: (+992 ) 231-47-71.

24.11.2025